«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ, д.и.т. Гулахмадзода А.А.

________________

«18». ____01____ .2025 с.

# ХУЛОСАИ
# ЛАБОРАТОРИЯИ СИФАТИ ОБ ВА ЭКОЛОГИЯИ ИНСТИТУТИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ, ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ВА ЭКОЛОГИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Кори диссертатсионии унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Толибзода Умеда Олим дар мавзӯи «Хусусиятои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаъҳои оби нушокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дар лабораторияи сифати об ва экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Толибзода У.О. аспирант ва баъдан унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Толибзода Умеда Олим соли 1999 ба факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси «Химия» дохил шуда, онро соли 2004 бо дипломи аъло хатм намуд. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда соли 2005 барои идомаи таҳсил ба аспирантураи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дохил шуда, соли 2008 зинаи мазкурро хатм намудааст.

Мавзӯи кори диссертатсионии Толибзода У.О. дар асоси Шурои илмии Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз таърихи 20 ноябри соли 2020, №10, §3.9 таҳти унвони Хусусиятои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаъҳои оби нушокӣ» тасдиқ гардида, роҳбари илмии Ӯ доктори илмҳои техникӣ, дотсент Амирзода Ориф Ҳамид таъйин гардидааст.

Толибзода У.О. имтиҳоноти минимуми номзадиро ба таври зерин: а) аз фанни «Таърих ва фалсафаи илм» бо баҳои 4 (хуб) аз таърихи 23.12.2023 с., б) аз фанни «Забони хориҷӣ (англисӣ)» аз таърихи 29.05.2024 с. бо баҳои 4 (хуб) ва аз рӯйи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) бо баҳои аъло аз таърихи

24.01.2024 с. бо баҳои 5 (аъло) супоридааст. Ҳамаи имтиҳоноти супоридашуда дар асоси шаҳодатномаи №05 аз 29.05.2024 ба расмият даровarda шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи лабораторияи сифати об ва экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон муҳокима гардида, дар асоси ҷаласаи кушоди лаборатория аз 19.04.2025 с., таҳти №03/25 Ба расмият даровarda шудааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас азислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Толибзода У.О. дар мавзӯи «Хусусиятои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаъҳои оби нушокӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

1. Номи мавзуъ ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мутобиқат мекунад.

2. Мавзӯи кори диссертатсионӣ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, таҳти №503 тасдиқ гардидааст, мутобиқат мекунад.

3. Унвонҷӯ сар карда аз соли 2004 то инҷониб 7 мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст. Дар шакли яккамуаллифӣ бошад 1 мақола ба нашр расонидааст, ки ба талаботи банди 35 меъёрҳои омодасозии диссертатсия мутобиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои илмии кори диссертатсионии Толибзода У.О. дар Корхонаи обу канализатсияи шаҳри Кӯлоб ва Раёсати ҳифзи муҳити зист дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон татбиқ гардида, санади татбиқ дода шудааст.

7. Муаллиф дар интихоби мавзӯъ, таҳлил ва муайянкунии мушкилоти вобаста ба сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб саҳм гузоштааст. Инчунин дар таҳқиқоти масъалаҳои омӯзиши хусусиятҳои гидрологии сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе ва минтақаи Кӯлоб, коркарди нақша, муҳтавои диссертатсия, хулосабарориҳои илмӣ саҳм гузошта, дар семинарҳо ва ҳамоишҳои илмӣ бо маърӯзаҳои илмӣ баромад намудааст.

Диссертатсияи Толибзода У.О. дар мавзӯи «Хусусиятои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаъҳои оби нушокӣ» ба ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) пурра мутобиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) мутобиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии гидрология, гидрография, ҷараёни дарёҳо, лимнология, равандҳои поймавӣ ва соҳилӣ, гидрохимия, гидроэкология.

4. Хусусиятҳои равандҳои гидрологӣ, гидрохимиявӣ ва гидробиологӣ дар кӯлҳо ва обанборҳо, падидаҳои динамикӣ дар кӯлҳо, обанборҳо ва ҳавзҳо, генезис ва трансформатсияи ҳолати массаҳои об, масъалаҳои амсиласозии лимнологии падидаҳои дохилиобанборӣ, муносибгардонии реҷаи обанборҳои хушкӣ.

8. Ҳолати гидрохимиявии объектҳои оби хушкӣ дар шароити гуногуни табиӣ, таъсири фаъолияти хоҷагидорӣ ба ифлосшавии кимиёвии дарёҳо, ҳавзҳо, кӯлҳо ва обанборҳо, ташаккул ва тағйирёбии сифати об, қонуниятҳои равандҳои худсофшавӣ ва ифлосшавии такрории обҳои табиӣ, хусусиятҳои омехташавии обҳои дарёву баҳрҳо.

Корӣ диссертатсионӣ аз пешгуфтор 4 боб, хулосаҳои асосӣ, 6 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 127 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 153 саҳифаи чопӣ иборат буда, 130 саҳифаи он матни асосӣ мебошад. Миқдори расмҳо 30 адад ва ҷадвалҳо 12 ададро дар бар мегирад.

Нишондодҳои асосии диссертатсия ба намуди 8 кори илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаҳо дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр шудаанд. Ҳамзамон аз ҷониби муаллиф дар алоҳидагӣ 1 мақола ба нашр расонида шудааст, миқдори умумии интишорот 3,93 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи таҳқиқ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаи тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст:

1. **Толибова, У. О.** Исследование химического состава подземных вод кулябского региона и изыскание возможности применения бентонитовых глин для их умягчения / **У. О. Толибова,** А. С. Раджабова, К. Ф. Эмомов, Ф. И. Шаймурадов // Доклады АНРТ. – 2011. - №1, Том. 54, -С.49-52.

2. **Толибова, У. О.** Эффективность использования метода электроосаждения для очистки питьевых вод / **У. О. Толибова** // Научный журнал «Водные ресурсы, энергетика и экология» ИВПГЭ и Э НАНТ. -2023. -№2, Том 3, -С.23-30.

3. **Толибова, У. О.** Хусусиятҳои тағйирёбии сифати об аз рӯйи нишондиҳандаи тирагӣ дар мисоли дарёи Варзоб / **У. О. Толибова,** Н. Фазлиддин, З. Д. Холназарова, О. Ҳ. Амирзода // Мақалаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология» ИМОГЭ ва Э АМИТ -2024. -№4, Том 3. -С. 168-174.

4. **Толибова, У. О.** Коркарди амсилаи биохимиявии раванди худтозашавии об дар мисоли дарёи Варзоб / **У. О. Толибова,** З. Д. Холназарова, О. Ҳ. Амирзода //Мақалаи илмии «Захираҳои об, энергетика ва экология» ИМОГЭ ва Э АМИТ -2025. -№3, Том 4. -С. 138-147.

5. **Толибова, У.О.** Ташаккули таркиби химиявии об ва технологияи безараргардонӣ тавассути коагулянтҳо / А. С. Кодиров, **У. О. Толибова,** Ф. И. Нажмудинова, **Ф. И. Шаймурадов,** И. М. Рахимов // Паёми политехникӣ. Бахши таҳқиқотҳои муҳандисӣ. -2025. -№ 4, Том 72. -С. 66-72.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

1. **Толибова, У.О.** Физико-химические свойства природных вод южных регионов Республики / **У. О. Толибова** // Маводи конференсияи Ҳаштуми илмии олимони ҷавони Тоҷикистон бахшида ба 2700 – солагии шаҳри Кулоб, ш.Кулоб. -2006, -С. 170-173.

2. **Толибова, У. О.** Химический состав подземных вод в подведомственных районах города Душанбе / **У.О. Толибова,** Ф. И. Нажмудинова//Материалы Международной научно-практической конференции «Водные ресурсы, инновация, ресурсо- и энергосбережения». -Душанбе. -2023. -С. 103-110.

3. **Толибова, У. О.** Ташаккули таркиби химиявии об ва технологияи безараргардонӣ тавассути коагулянтҳо / А. С. Кодиров, Д. Ишияма, Ф. И. Нажмудинова, Ф. И. Шаймурадов, И. М. Рахимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Проблемаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ дар замони муосир”. Душанбе, 2023. -С. 152-158.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Толибзода У.О. дар мавзӯи “Таҳқиқоти гидрологӣ ва гидрохимиявии сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Толибзода У.О. дар мавзӯи “Таҳқиқоти гидрологӣ ва гидрохимиявии сарчашмаҳои обии шаҳри Душанбе” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 25.00.00 – Илмҳои заминшиносӣ (25.00.27 – Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) бо дарназардошти бартараф намудани эроду пешниҳодоти таъкидшуда ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кушоди лабораторияи сифати об ва экологияи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 17.04.2025 с., таҳти №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд, ҳамагӣ 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20, зид – “нест”, бетараф – “нест”.

**Раисикунандаи** ҷаласа,
ходими калони илмии лабораторияи
сифати об ва экологияи
ИМО, ГЭ ва Э АМИТ, н.и.т. Қодиров А.С.

**Котиби** ҷаласа,
ходими калони илмии лабораторияи
сифати об ва экологияи
ИМО, ГЭ ва Э АМИТ, н.и.т. Эмомов К.Ф.

Имзоҳои Қодиров А.С. ва Эмомов К.Ф. тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузорӣ: Адамқулова С.С.